*“Садои Шарқ”*, № 7, 1989,
с. 140–143.

**ТАҚРИЗ ВА КИТОБИЁТ**

# Аспи обӣ зери зин

Баҳманёр. Аспи обӣ. Душанбе, нашриёти “Адиб”, 1988

“Аспи обӣ” ҳикояи сеюми маҷмуа мебошад. Беҳуда ин ҳикоя дар номи китоб наомадааст.

“Мард ба аспи хушсурате савор пайраҳаи кӯҳиро боло мешуд.

Мард рӯи зин, зин рӯи асп, асп рӯи кӯҳ, кӯҳ рӯи замин, замин дар фазо давр мезад. Чунон давр мезад, ки касе пай намебурд, замин давр мезад.

Ҳама ашьё, ҳама мавҷудот, ҳама зуҳурот байни худ дар мувозина буданд. Аммо мард инро намедонист.

Пайраҳае, ки асп рӯи он мерафт, то ба кӯли Каҳрабо мебурд. Кӯл дар жарфи Ремон, жарфи Ремон дар дараи Зиндон, дараи Зиндон дар кӯҳи Обшорон воқеъ буд».

Мард аспбоз буд. Аспбози гузаро. Аз ҳамон тоифаи аспбозон, ки якашон, ба гуфтаи мардум, солҳои шастум, яъне, баъди тартиботи чорводории хрущёвӣ, аспашро ба гӯшт надода, балки ба дарахт қантар карда аз пушти гӯшаш парондааст ва худ ҳам девона шудааст. Марди аспбоз наслгирӣ мерафт.

«Аз оғоз ба қавле ҳанӯз дар шиками модар шиҳаи аспро шунида буд мард. Вақти зода шудан вай гирьяву фарьёд накард, шиҳа кашид. Чун асп шиҳа кашид. Доя кар буду ин шиҳаро нашунид, модар зирак буду ин нуқсро пинҳон дошт. Баъдтар вайро гум мекарданду дар охури асп хобида меёфтанд, меёфтанду гум мекарданд. Галабон ба деҳаш меовард».

Аспбози гузаро монанд надошт.

Ҷои аз хонандаи азиз пурсиши бахшиш аст, ки орият фаровон шуд. Орияти калон-калон хуш нест. Аммо чӣ метавон кард, ки ҳикоя азим хуш асту наоварданаш душвор.

Хонандаи зирак бегумон пай хоҳад бурд, ки дар ҳикояи «Аспи обӣ» сухан аз покию муқаддасии муҳити табиии аслӣ ва дахолатҳои ноинсофонаи инсон - бо таъбири машҳури имрӯза экологияи табиат меравад. Як «Аспи обӣ» не, балки бист аз бисту ду ҳикояи китоб (пурра ва ё қисман) ба ҳамин масъала бахшида шудааст.

Чаро ин масъала ҳадафи асосии китоби нависанда шудааст? Муаллиф чӣ гуфтан мехоҳад? Масъалаи табиат ба зиндагӣ чӣ муносибат дорад?

Ин навъ суолҳоро боз ҳам қатор кардан мумкин. Аммо эҳтиёҷ намудор нест. Ба ҳамаи ин қабил суолҳо дар китоби адиб ҷавобҳо ҳастанд. Ҷавобҳои бевоситаи ахборӣ не, албатта. Ҷавобҳои бавоситаи тимсоли бадеӣ.

Боиси диққати ҷиддии адиб ба экология барои соҳибдилон маълум: торафт хароб шудани муҳити табиӣ. Оё инҳо нишони харобӣ нестанд, ки ҳаво торафт ғализ мешавад, об торафт бештар заҳролуд мегардад, ба полезу боғот торафт зиёдтар дору мезанем, обанборҳои азим месозем, республикаро дар ҷои боғоташ ба як пахтазори азим табдил додем...

Масъалаи табиат алҳол масъалаи танҳову муҷаррад нест, он аз доираи қудрату ихтиёри шахсеву созмоне берун рафта, ба масъалаи масъалаҳо табдил ёфтааст ва чанг ба домони кулли ҷомеа задааст. Адиб ҳам ба табиат аз чандин ҷониб нигаристааст: онро ба одобу ахлоқ, ба урфу русуми аҷдодӣ, ба саодати имрӯзию фардои, ба тансиҳатию умрдарозӣ ва ғайраю ҳоказо пайвастааст. Ба адиб муяссар шудааст нишон диҳад, ки табиат модари кулли махлуқоту набототу

ашьёи ҳастисту соҳибшуури ӯст, ки гоҳе ҳамин фарзанди соҳибшуур бешууриҳо мекунад ва аз дасти ин бешууриҳо ҷафоҳо хоҳад кашид.

Пеши ҷафоро аллакай кашидан дорад.

Шоҳзодаи валиаҳд бинобар инҷиқии хонумаш аз вақ-ваќи гӯшхароши ғукҳои боғ фармуд, ки даҳони ғукҳо дӯхта шаванд. «Ҳамон сол мамлакатро пашшаву хомӯшак зер кард». «Ба кандани кӯки даҳони ғукҳо амр шуд». Бори дигар шоҳзода шабушпарвариро ривоҷ дод... Бори сеюм ин шоҳзода, ки акнун сари кишвар шуда буд, кашфиёт кард, ки «агар мо парандагони ғалларо нест кунем, халқ аз бенавоӣ мераҳад, анборҳои шоҳӣ оганда мешаванд, тиҷорати хориҷӣ метафсад, хулоса, кишвар дорову муқтадир мегардад» (аз «Соли малах»). Хулоса, парандаҳо батамом қир карда шуданд. Малах омад. Пеши ин балоро на касе метавонист гирад, на чизе, на чорае. **«Табиат ин хунхориро ба мо набахшид, ҳоло вай аз мо кин мегирифт».**

Ду ҳикояи маҷмуа дар мавзуи дигар - таърих - навишта шудааст: яке «Пешрави дор» ном дораду шаммаеро аз рӯзгори Темури Ланг дар бар кардааст ва дигаре «Нархи одам» асту фоҷеаи қатли шайх Фаридаддини Атторро фаро гирифтааст. Дар бораи ҳам Темури Лангу ҳам чингизиён дар тӯли ин садсолаҳо кам асар навишта нашудааст. Ҳам кори ин соҳибони аҷал, ҳам тинати онон пурра ошкор карда шудаанд. Ҷолибаш ин аст, ки Баҳманёр дар ҳар ду маврид низ гуфтаҳоро такрор накардааст, балки зимни тасвири лаҳзаи бағоят характерноки моҳиятан типиву эътимодбахш ҳақиқати талхи рӯзгори ниёгонамонро ба ҷилва овардааст. Ҳар ду лаҳзаи ҳикояҳо бозгӯи он ҳақиқатест, ки ҳокими қотил ҳама чиз - ҳам шамшери ҳукму ҳам тахти савлат дорад, аммо чашмаш гурусна асту серӣ надорад, вале мардуми ҷафокаш чизе дар бисот надораду ҳимматашон олист, ҳатто ҷонашон пеши ин ҳиммат пули пучак аст.

Гӯянда аз «Сояи худо» парво надошт, ӯро ситоиш накард, балки бо кори худ машғул буд. Табиист, ки ин ба Соҳибқирони сояи худо

нафорид. Гӯяндаро ба пояи дор оварданд. Атрофи дорро ҳам соҳибони замон (ба қавли нависанда «ҷондорҳо»), ҳам мардум пур карда буданд. «Гӯянда аз мардум чизе мехоҳад. Ба ӯ як порча роз мекунанд. «Пеш  аз марг васият кардан мехоҳад ин бараҳна? - аз дил мегузаронад амир.

Валекин Гӯянда он пораи коғазро лӯла мекунад, ба дандон аз чанд ҷояш шикоф намуда, ба лаб наздик мебарад. Ва дар як дам тамоми Регистон ғарқи хомӯшӣ мешавад. Оҳанги ҷигарсӯзе ҳамаро ба оғӯш мекашад».

Гӯянда чӣ мегуяд? Соҳибро ситоиш мекунад? Ё талвосаи ҷон дорад? Ва ё пушаймониву тавба?

На ину на ваю на дигар.

"Ҳикояти аҷибе мекунад ин наво. Ӯ аз зиндагӣ наменолад, шиква аз нодорӣ намекунад, балки зебоии инсону табиатро ситоиш мекунад...".

Мавзуи ин ду ҳикоя зоҳиран дигар аст, "таърих" дар гуфтан аз табиат фарқ дорад. Моҳиятан инҳо вобастаи ҳамдигаранд, дар зӯру заъф якҷояанд. Табиату таърих ба ҳукми волидонанд. Нашинохтанашон нишони кӯрист, қадр накарданашон омили гумроҳист.

Мегӯянд, ки шеъри муосири тоҷик назар ба насраш дар балоғат баландтар аст. Ҳамчунин, мӯътақиданд, ки сабабгори ин ҳолат муроҷиати шоирон аст ба осори адибони бузурги замони гузашта. Воқеан ҳам аз эҷодиёти баъзе шоирони имрӯза, чунончи Муъмин Қаноат ва Лоиқ, Бозор Собир ва Гулназар бӯи қалами Рӯдакию Фирдавсӣ, Низомиву Мавлавӣ, Сойибу Бедил ба машом мерасад. Дар асл ҳам, адибе, ки аз мазияти осори бузургон бархурдор набошад, бозьёфтҳои ононро маънан корбаст нанамояд, ба кохи ҷовиди адабиёт раҳ ёфта наметавонад.

Дареғо, ки меросбарӣ дар наср тамоман заиф мебошад. Ба истисннои устод Улуғзода дигареро дидан маҳол аст, ки асараш аз насри дилангези классикӣ файзманд бошад.

Хушо, ки аз навиштаҳои Бахманёр чизе аз таровати осори классикон мушоҳида мешавад.

Дар насри асримиёнагии тоҷику форс анъанаи мақомнависӣ мавҷуд мебошад. Тахмин меравад, ки Баҳманёр мақомоти Ҳамидиву Ҳаририро хуб омӯхтааст, баъзе мазиятҳои сабки ин навъи насрро азхуд намудааст. Ба гувоҳи ин пиндор чанд пора аз ҳикояҳои нависанда оварда мешавад.

Аз «Чашмаи Ният», сарахбораш, ки боз ду бори дигар такрор шудааст:

«Рахши вақт чоргома метохт. Табиат нобуд мекарду месохт. Зиндагӣ ато мекарду марг бозпас мехост. Тақдир оҳанги тасодуф менавохт ва бо ин тасниф инсонро ба вартаи иштибоҳ меандохт, дар кӯраи имтиҳон мегудохт, ки аз он одам гоҳе мебурду гоҳе мебохт".

Пораи дигар аз «Гузориши хоб»:

«Ваҷоҳати пиразан барфу борон мебехт, сояаш дар нам намонам гӯён аз вай мегурехт, ғалбери фалак як шӯр ангезам гуфта нам-нам мерехт, пирамард аз кати айвон ин ҳамаро медиду табъаш мегусехт. - Ҳой, занак! - тоқат накард бобои Шодмон, - боз кадом мӯрча туро газид, ширaи рӯятро макид, раги ҷаҳлатро кашид, риштаи меҳратро бурид!».

Намаки ин пораҳо дар санъати саҷъ аст. Ин санъат суханро ба шеър наздик овардааст, ба вай лиризми баланде бахшидааст. Равшан аст, ки нигоранда аз ӯҳдаи суханбозӣ (ба маънии мусбаташ) баромадааст.

Боз як намуна. Аз ҳикояи «Ғӯли Кӯҳистон». Сарахбораш: «Деҳ деҳаки оддие буд. Роҳаки оддие, ки аз кадомин як гӯшаи ин дуньёи касмафаҳм ибтидо мегирифт, то ба ин деҳ меовард. Дар сари даромади он чанори оддие қад кашида буд. Аммо дар ин кулбаи оддии деҳи оддӣ, ки назди он чанори оддӣ месабзид ва роҳаки оддӣ аз паҳлӯяш мегузашт, тамоман як зани ғайриоддие зиндагӣ мекард».

Дар ин пора саҷъ нест. Такрор ҳаст. Аммо такрори оддӣ не. Такрори мутазод. Тазоде, ки гардиши мундариҷаро тезутунд мекунаду рағбати хонандаро афзун.

Модоме ки сухан аз сабки нигориши Баҳманёр меравад, лоақал ишора бояд кард, ки тоби ҳикоёти ӯ ҳарчанд полудаи гуворое аз ҳамоса дорад, аммо шолудаи матинаш лирика мебошад. Қаҳрамонони Баҳманёр мураттабан амал намекунанд, воқеаҳо яклухту оғоздор ва инкишофёбанда нестанд. Балки аз ҳамоса ранги мӯҳташамӣ гирифтаанд. Ин мӯҳташамӣ иборат аст аз он ки: масъалаҳои азим гузошта шудаанд, чандин нафар дар як ҳикоя намудор мешаванд, баъзе аз қаҳрамонон (ҳамчун Холдори Чилдурӯғ, Фармони Мурод, кампири Осуда, Бобои Шодмон), дар чандин ҳикоя амал мекунанд, номи маконҳо (Сармаддеҳ, Гузари Боло, Гузари поён, Кӯҳи Оҳан ...) низ такрор мешаванд ...

Хонандаи аз равиши накди адабии анъанавӣ балад чашмдор аст, ки нигоранда кай ба қисми танқид мегузарад? Тақриз одатан ҳамин хел аст: нахуст ситоиш, пасон коҳиш. Хонандаро дар чашмдошташ ноумед кардан ҳам дуруст нест. Аммо чӣ метавон кард, ки мунаққид ба мавзую мазмун, образу ғояи Баҳманёр эрод гирифтанӣ нест, танҳо дархосте оварданист, ки домани васеи ҳимматаш дар масоил боз ҳам васеътару ҳаётитар ва пояи баланди ҳимматаш боз ҳам баландтар бошад.

Дар хусуси забону сабки нигориш, метавон гуфт, Баҳманёр дар мартабаи камол аст. Ӯ суханро тиллобаркаш истифода менамояд.

Бандубасти асараш ҳам пухтаву пурмаънист. Аз китоби ӯ чандин калимаю таркибро дарьёфтан мумкин аст, ки зебоянду нодир - аз ҷумла: «шакарнам», «бодвона», «пазира кардан», «тахтона», «хунукном», «наворак», «гулпарак», «ҳакалинг», «ғӯт» «ваза», «чашмони хунполо», «пӯла», «нурполо», «сокинраг», «астарван», «гумҷӯӣ», «пармосидан», «аспист», «лимфол кардан», «гоз», «ваҳал», «алағда», «ғил-ғилич», «рӯян» «ҳужрок», «вағнич», «зулбиё», «ғиём кардан», «чингак», «пилачо», «битока» ...

Дар худи ҳамин масъала китоби "Аспи обӣ" ҷойҳое низ дорад, ки баҳсталаб менамоянд, чунончи:

«Вақте ки дар фарози Хорбуна рӯи дунги Жаврак гавазни чанбаршох пайдо мегардад, ҳама чӣ тағьир меёбад, ҳама чиз ҷон мегирад, ба тану рӯҳ суруре, мавҷи ҷонбахше паҳн мешавад, чунонки дар фасли зимистон ба ташнови гарм дарой, чунонки дар фасли баҳорон рӯи сабзаҳои нарм ғел занӣ» (с. 5.) Шояд мурод аз «ташнов» ҳаммом бошад, аммо ин калима дар забони халқ муродифи «мабраз» аст;

«Як каф об менӯшиву дар дил сахт ният мекунӣ, ки ба ту шифо бахшад, то ба деҳ нарасида гул барин шифо меёбӣ» (с. 9). Одатан гул барин мешавӣ» мегӯянд; «Момо пӯстаки нарме гирифта рӯи бом мебаромад ва пӯстакро паҳлӯи кати ман партофта чиллик мегардонд» (с. 11). Шояд чилликро «гардондан» ҳам бошад, вале шунидаем, ки «ресидан» (мересид) мегӯянд; «Дояҳои дар сартосари Сармаддеҳ ва ҷаҳон машҳур гунгу кар меистоданд, то он даме ки нидои сардоя: - Тармарг шавам, агар ин аз пушти одамӣ набошад! - ҳамаро ба худ овард» (с. 52). Ин дуо муносиби тифлону ҷавонон аст, на пирон (вале имкони аз тариқи зарофат омадан дорад);

«Хурӯсаки парпо Пӯпак аз ин суханҳои ба ӯ муроҷиат карда гуфтаи соҳибаш чизе нафаҳмид» (с. 77). Ба ҷои «муроҷиат карда» як калимаи «хитобан» ва ё «муроҷиатан» авло буд;

«Аз як ҳайвони зебову хушсурату озод, ки Баҳроми Сосонӣ шикорашро фахри шоҳӣ медонист, чунин як ҷонвари фаҳӯлу гарангу кадусару гарданшахе сохтаем» (с. 112). Сухан дар бораи хар меравад. Аммо он «харе, ки Баҳром шикор мекард, оҳу буд, на маркаби имрӯза;

«Дӯсти ман, ки бошӣ бозомадам ба сари қиссаи тобути ман, ки онро ба гӯр гузоштанду рӯяш хок кашиданд, ҷаноза хонданду омодаи хестан шуданд» (с. 114). Таркиби наҳвӣ халал ёфтааст, зеро аввал ҷаноза мехонанд, баъд мурдаро ба гӯр мегузоранду рӯяш хок мекашанд...

Нигоранда бо китоби «Аспи обӣ» гӯё гуфтанист, ки эй хонандаи азиз, аз хоби гарон бихез, бихез, ки Аспи Обӣ зери зин омодаи ҷуфтак задан аст! Бихез, ки мабодо чорхез гираду чангу ғубораш ба чашму димоғат занад! Чангу ғубор ҳам дарди бахайр аст, мабод, ки суммаш ба пешониат хӯрад!

**Раҳим МУСУЛМОНҚУЛОВ.**